**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур") барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Масъалаи кӯдакони болаёқат, дарёфт, ҷалб ва ташаккули минбаъдаи малакаву маҳорат ва истеъдоди онҳо аз давраҳои қадим то замони муосир диққати мутафаккирон, олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамуд. Имрӯз дар самтҳои мухталифи соҳаҳои равоншиносӣ, психофизиологӣ, психогенетикӣ, ташхисӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ин мафҳум бо шаклҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Нурматова Нигора Латифовна низ кори таҳқиқотии хешро ба чунин масъалаи мубрам ба роҳ монда, оид ба низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пажӯҳиш намудааст.

Унвонҷӯ масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намуда, қайд кардааст, ки хонандагони болаёқат аз ҷиҳати зеҳнӣ ва эҷодӣ назар ба ҳамсолони худ пешсаф буда, ба навъи махсуси омӯзиш ниёз доранд, ки ба сатҳ ва суръати рушди истеъдодҳо асос ёфта бошанд. Ба онҳо барои чунин рушд шароит фароҳам овардан зарур аст. Шакли ташкили раванди таълим, ки барангезандаи майлу рағбати хонанда ба омӯзиш ва дар ин замина ташаккулдиҳандаи малакаю маҳорат ва қобилиятҳост, усули машғулиятҳои ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Маҳз усули ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ чун усули хоси ташкили фаъолияти маърифатӣ баромад карда метавонад, зеро он имкон медиҳад, ки нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо ҳадафмандона тарҳрезӣ гардида, технологияҳои нисбатан муассири педагогӣ муайян карда шаванд, он маводи таълимие интихоб гардад, ки ба фаъолияти эҷодии кӯдак кумак расонад.

Ҳадафи таҳқиқот таҳияи модели ташкилию педагогии низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва асосноксозии самаранокии истифодаи он аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ба ҳисоб меравад.

Арзиши илмии рисолаи мазкур бо он арзёбӣ мегардад, ки унвонҷӯ аз диди муосир пажӯҳиши масъалаи мазкурро ба роҳ монда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷимоишавии хонандагон дар шароити муосир ошкор намудаст.

Рисолаи мазкур, аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор баррасӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия “Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми таҳсилоти хонандагони болаёқат” буда, масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология, аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат ва махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ менамояд.

Дар боби дуюм “Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат” масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо, модели самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур мавриди баррасӣ қарор ёфтааст.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиро истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими хонандагони болаёқат муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Бояд гуфт, ки автореферат ҳалли масоили марбут ба масъалаи мазкурро дар бар гирифта, банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ пешниҳод карда шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби

барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
декани факултети филологияи руси
Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон — Мухаметов Гапур Бабаевич

13.09.2023

Имзои Мухаметов Г.Б-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.

Суроға: 734000, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, тел: 904424116